# *«Tajikistan State University of Commerce»*

***Course name: National economy***




**Week:4. Formation of the national economy of the Republic of Tajikistan.**

**Khojazoda Dilovar Khairuddin**

# «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тиоҷикистон»

## *Номи фан: Иқтисоди миллӣ*




**Мавзӯи: 4. Ташаккулёбии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Хоҷазода Диловар Хайруддин

# Саволҳои лексия:

1.Соҳибистиқлолӣ –заминаи асосии ташаккулёбии иқтисоди миллӣ
2. Марҳилаҳои таърихии ташаккули иқтисоди миллии мамлакат
3. Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ташкилии бунёдшавии иқтисоди миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

# 1. Соҳибистиқлолӣ –заминаи асосии ташаккулёбии иқтисоди миллӣ:

Иқтисоди миллӣ маҳз ба давлати миллии мустақил хос буда, чун хоҷагии бисёрзинаи мамлакат танҳо дар шароити истиқлолияти давлатии кишвар метавонад арзи вуҷуд намояд[1]. Бинобар ин агар давлат мустақил набошад, яъне дар тобеияти ягон давлати дигар бошад, дар ин ҳолат иқтисодиёти онро миллӣ гуфтан ҷоиз намешавад, зеро он маҳз бо давлати соҳибистиқлол мансуб аст. (дар собиқ ***ИТТИҲОДИ ҶАМОИЛИ ШУРАВИИ СОТСИАЛИСТӢ*** Ҷумҳурии Тоҷикистонро истиқлолияти миллӣ гуфтан ғариимкон буд).

1. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Андешаи роҳбари мамлакат вобаста бо истиқлолият

Бо ақидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомали Раҳмон «…истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва замонати ҳастии воқеӣ ва бошарофати миллат аст»[1].

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023.

# Шарҳи мафҳуми соҳибистиқлолӣ

Бо гуфтаҳои боло такя карда метавон шарҳи ботафсили мафҳуми соҳибистиқлолиро чунин маънидод намуд: истиқлолият –ин дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани давлатдорӣ, мустақилона пеш бурдани сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат аст; -ин шарафу номусу ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу ранҷи бардавомии ҳар як фарди ҷомеъа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волост; -ин бародариву баробарии ҳамаи аъзои ҷомеа, сарфи назар аз халқият, миллат, урфу одат ва ақидаю афкор аст[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 53с.

# Иқтисоди миллӣ –ҳамчун маҷмӯи иқтисодиёти мамлакат

Иқтисоди миллӣ – маҷмӯи иқтисодиёти мамлакат буда, дар заминаи истиқлолияти сиёсӣ ва дигар унсурҳои пайвастаи давлати миллӣ ташаккул меёбад. Таъмини истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, низом ва фарҳангии кишвар бо ҳифзу равнақи муносибатҳо бо ҷомеъаи мамолики олам, бунёди ҷумҳурии озод, мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва пешрафта, ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ дар саросари кишвар – ин омилҳое мебошанд, ки таҳкими иқтисоди миллиро устувор месозанд[1].

1.Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Шарҳи истиқлолияти давлатӣ:

Бояд қайд намуд, ки дар бисёр мавридҳо мустақилияти давлатиро бо маънои ба вуҷуд омадани мустақилияти иқтисодӣ мефаҳманд, ки ин ақидаи на он қадар дуруст аст, зеро соҳиб гаштан ба истиқлолияти давлатӣ маънои соҳибшавиро ба истиқлолияти иқтисодӣ надорад. Мафҳуми истиқлолияти иқтисодӣ маънои мустақилӣ хоҷагидории мамлакат, пешбарии иқтисодиётро новобаста аз ягон давлати дунё мефаҳмонад.

## Инкишофёбии иқтисоди миллӣ:

Пайдоиш ва инкишофи иқтисодии миллии давлатҳои дунё тамоман гуногун буда, ба якдигар монандӣ надоранд ва сабабҳои пайдоиш ё пош хӯрдани иқтисоди миллӣ, манбаҳои ташаккулёбӣ, ангезаҳои ривоҷу равнақи он гуногунанд. Таърихи пайдоиши иқтисоди миллии мамалакат аз таърихи пайдоиши забони миллӣ, фарҳанги миллӣ ба куллӣ фарқ мекунад[1].

1.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# 2. Марҳилаҳои таърихии ташаккули иқтисоди миллии мамлакат:



Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо мушкилоти зиёде дучор гардид. Ба ғайр аз ин, ҷумҳурӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки танҳо зарари иқтисодии он зиёда аз 10 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медод[1].

1. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе:- «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Ҳолатҳои пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ

Дар баробари ин, баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ низоми ягонаи иқтисодии он кишвар низ аз байн рафт, ки мушкилиҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоиро барои Тоҷикистони тозаистиқлол ба бор овард[1]. Чунин мушкилиҳо тамоми соҳаҳои иқтисодии кишвар, хосатан соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ ва ғайраро фаро гирифт. Баъд аз он, ки дар кишвар сулҳу субот пойдор гардид, дар назди Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар ба миён омад.

1.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# Тақсимоти моликият

Тақсимоти моликият дар ихтиёри марказ будаи иттиҳоди аз байнрафта, тақсимоти «мероси марказ» барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли ҷумҳуриҳои дигар як тарзи махсуси милликунонӣ –воситаи ташаккули иқтисоди миллӣ буд. Ин «мерос» барои ташкил намудани иктисоди миллии давлатҳои навбунёди мустақил заминаи хубе гузошт. Тақсимоти моликият дар қатори корхонаҳои калон, бонкҳо, роххҳои оҳан ва ғайраҳо, инчунин қарзҳои собиқ ИҶШС-ро дар бар мегирифт (ҳам қарзҳо ба хориҷа додашуда ва гирифташуда).

# Таркиб ва мақсадҳои иқтисоди миллии муосир:

Мувофиқи созишномае, ки дар Бишкек бо иштироки роҳбарони лавлатҳои ИДМ оид ба масъалаҳои тақсимоти моликияти иттифоқи соли 1992 қабул шуда буд, ин тақсимот аз руйи чунин принсип сурат гирифт: ҳар як ҷумҳурии иттифоқӣ соҳиби ҳамон моликияте мегардад, ки дар санаи тақсимот дар қаламрави он ҷойгир шуда бошад[1]. Қарор шуд, ки ҳамаи боигариҳои хазинаҳои давлатии дар марказ буда ба ихтиёри Федератсияи Руссия гузашта, қарзҳои давлатии хориҷиро медиҳад ва мегирад.

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# Истиқлолият неъмати бебаҳост




Истиқлолият неъмати бебаҳо ва ниҳоят пурарзишест, ки халқи тоҷикро соҳиби комилҳуқуқи сарнавишти хеш намуд ва ҷомеаи мо ҳамчун давлати демократӣ ба раванди умумии таърихи аҳли башар ворид гардид[1].

1. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе:- «Ирфон», 2007. - 488 с.

# Асосҳои сохтори конститутсионӣ

Асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат танзим гардида, Конститутсияи мамлакат зимни раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Рамзҳои истиқлолият ва давлатдории миллӣ — Нишону Парчам ва Суруди миллӣ қабул шуданд, Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадӣ таъсис ёфтанд. Пули миллӣ ба муомилот баромад, шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. 6-уми ноябри соли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

# Модаи якуми Конииститутсия




Дар модаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тоҷикистон ҳаммаъноянд”[1]. Халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, ин ҳуқуқи худро бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш амалӣ мегардонад.

1. https://president.tj/tajikistan/constitution

# Такмилёбии сохтори мақоми олӣ

Бо гузашти чанд соли дигар зарурати тағйир додани сохтори мақоми олии қонунбарор пеш омад. Ва боз ҳам бо майлу иродаи халқ аввалин маротиба дар таърихи навини кишварамон Парламенти нави касбӣ, ки иборат аз ду палата мебошад, таъсис дода шуд. Бузургтарин дастоварди мо дар даврони истиқлолият, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

# Дастоварди бузурги энергетикӣ



Дастоварди бузурги таърихӣ сохтмони Нерӯгоҳи барқии Роғун ба шумор меравад, ки 16-уми ноябри соли 2018 агрегати якуми он мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Ин сохтмони бузурги аср воқеан ҳам аз ормонҳои миллии халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳматҳои ҳамаҷонибаи халқи тоҷик ин орзӯи чандинсола амалӣ гашт[1].

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023

# Оину ҷашнҳои миллӣ даврои истиқлолият:

Дар давронi истиқлолияти давлатӣ оину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангие, ки дар давоми асрҳо ягонагии маънавии мардумро ҳифз мекарданд, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан ва монанди инҳо эҳё гардиданд.

Тули солҳои истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъоли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони конфронси исломӣ, Шартномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ оид ба тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Созмони Умумиҷаҳонии савдо ва дигар ташкилотҳои байналмилалилву минтақавӣ гардид.

Моҳи марти соли 2018 татбиқи ташаббуси чоруми Тоҷикистон доир ба ҳалли яке аз мушкилоти ҷиддитарини башарият, яъне об таҳти унвони “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид расман оғоз гардид. Яъне ибтикори кишвари мо дар давоми даҳ соли минбаъда дар миқёси сайёра амалӣ мешавад.

...Вобастагии иқтидории иқтисодии дилхоҳ давлат, хоҳ мутараққӣ ва хоҳ рӯ ба инкишоф аз сиёсати иқтисодӣ рушди ҳамасоҳаи онро таъмин мекунад. Шояд ба ҳамин далел бошад, ки қудратҳо ҷиҳати рушди иқтисодиашон талош меварзанд ва шароит муҳайё месозанд, ки аҳолӣ беҳтару хубтар зиндагӣ кунанд.

## 3. Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ташкилии бунёдшавии иқтисоди миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Заминаи сиёси*** масъалаи муқарраршавии ҳокимияти давлатӣ, низоми ҳокимияти сиёсӣ ва самтҳои сиёсати иқтисодии онро дар бар мегирад. Дар ин асос принсипҳои татбиқи сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гумрукӣ, арзӣ, сиёсати буҷҷетию андозгузорӣ, демографӣ ва инчунин ҳамкориҳои иқтисоди хориҷӣ муаяйн карда мешаванд[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ:
китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

**Бояд қайд намуд, ки таъсири омилҳои сиёсӣ ба натиҷаҳои хоҷагидории ҳар як мамлакати алоҳида бо чунин роҳҳо сурат мегирад:**

- -аз руйи усулҳои сафарбаркунии омилҳои сиёсии пешрафти иқтисодиёт, аз ҷумла имкониятҳои сиёсии сафарбаркунии омма ба сӯи ҳадафҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат[1];

- -аз рӯи кафолатҳои сиёсие, ки давлат пешкаш менамояд, аз ҷумла дар бобати ҳавасмангардонии соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷорӣ намудани лоиҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таблиғот дар соҳаи ислоҳоти иқтисодӣ, пешгирии қонуншиканиҳо, беадолатиҳои иқтисодӣ ва дигар камбудиҳои ҷамъиятӣ дар мамлакат[2];

1.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,- Душанбе-Ирфон, 2018с, 548с.

# Заминаҳои иқтисодӣ

Ташаккулёбии иқтисодии миллӣ ба вазъи иқтисодие вобаста аст, ки дар он низоми хоҷагӣ амал мекунаду инкишоф меёбад. Вазъи иқтисодиро қонунгузорӣ муайян мекунад ва маҳз қонунҳо муносибатҳои моликият, инчунин шаклҳои ҳуқуқию ташкилии хоҷагидориро ба танзим медароранд. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо, амали онҳо унсурҳое вобаста буданд, ки дар асоси онҳо иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккулёбии худ танзим гашт[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# Заминаҳои ташкилӣ

Иқтисоди миллии мамлакат фаъолияти низоми хоҷагии мамлакатро дар бар мегирад, ки худ чун объекти мураккаб зоҳир гашта, аз ҷониби давлат идора карда мешавад. Заминаи ташкили пеш аз ҳама ташкили идоракунии мамлакатро фаро гирифта, тавассути фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дар навбати худ се шохаи ҳокимиятро (ҳокимияти қонунгузор, иҷроя ва судӣ, ки ба Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ асос ёфтааст) дар бар мегирад амалӣ мегардад[1].

1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

# Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, чораҷӯиҳои зиёдеро ба амал баровард, ки миёни онҳо чорабиниҳои зайлро метавон ҷудо намуд:

1. Дар мамлакат ниҳоди (институти) моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот ҷорӣ гашт.

2. Моликияти ягонаи давлатӣ, аз ҷумла фонди манзилии давлати хусусӣ гардонида шуд.

3. Нархҳо озод гаштанд, ба истисноӣ номгеи хурди онҳое, ки аз ҷониби давлат танзим карда мешаванд.

4. Ташаккулёбии инфрасохтори бозорӣ, яъне бонкҳои тиҷоратӣ, биржаҳо, мақомоти танзими зиддинҳисорӣ, мубодилаи арзи хориҷӣ ва ғайра.

5. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ эътироф гаштанд.

# Рушди соҳаи саноат

Бояд мутазаккир шуд, ки саноат воситаи рушду тараққии миллату давлат мебошад, чунки дар садаи XXI ҳеҷ иқтисоде бидуни саноатикунонии он дар соҳаи гардиши пулу мавод, ки қонуни асосии иқтисодӣ аст, муваффақ нест[1]. Аз ин хотир, барои таъмин намудани рушди иқтисодии кишвар қудрат бояд ба саноатикунонии босуръат рӯ оварад.

1.Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.

Бо тамоюлҳои мусбати афзоиши содироти саноат, кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар бозори ҷаҳонӣ ҳамчун бузургтарин таъминкунандаи ашёи хом: сӯзишворӣ, маъданҳо, маҳсулоти кишоварзии тропикӣ ва субтропикӣ, чубу тахтаи гаронбаҳои тропикӣ ва маҳсулоти гуногун амал мекунанд. Ин молҳо ба аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ то 70% даромади умумии содиротии худ ва то 95% баъзе кишварҳои минтақа медиҳанд[1].

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023.

# Рушди иқтисодити мамлакатҳои дунё

Муҳимтарин тағйирот дар модели мавҷудаи иқтисодии ҷаҳон болоравии давлатҳои бузурги рӯ ба инкишоф буд. Тибқи пешгӯиҳои мавҷудаи иқтисоддонҳои Аврупо, то соли 2050 ба Чин тақрибан 22% маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳон (бо нархҳои ҷорӣ) рост меояд. Дар баробари ин, рушди иқтисодие, ки дар натиҷаи рушди босуръати давлатҳои ҷаҳони сеюм ба вуҷуд омадааст, аллакай барои иқтисодиёти муосир таъсири мултипликаториро фароҳам овард. Бӯҳрони солҳои 2007-2010 нишон дод, ки талаботи дохилӣ дар аксар кишварҳо ба омили болоравии иқтисоди ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ табдил меёбад. Ин гардиши сифатӣ аз вазъиятест, ки рушди иқтисоди Чин асосан ба талаботи хориҷӣ ба маҳсулоти ин кишвар асос ёфтааст.

# Ояндабинии рушди иқтисодиёти мамлакат:

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама пешгӯии муносиб ин аст, ки бо дарназардошти иқтисоди сабз ва бо истифода аз захираҳои обии мамлакат бинобар фурӯши неруи барқ имкони пайдо намудани шонсҳо дар иқтисоди байналмилалӣ ва ворид шудан ба бозори ҷаҳонии савдо ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, кишвари мо дар оянда ҷиҳати рушди бемайлон шароити хуби табииро дорост.

# Адабиёти истифодашуда:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023.

2. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.

3. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

4. Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

5. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

6. Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе «Ирфон», 2009. - 467 с.

7. Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.

8. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

9. https://president.tj/tajikistan/constitution

# ТАШАККУР БА ДИҚҚАТАТОН!